**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор________Ибодуллозода А.И.
«_8_» ___ноябри___ соли 2022

# ХУЛОСАИ

Шурои олимони факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологи аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ.

Диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ» дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ – Туйғунов Носир Ҳақбердиевич, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои англсии Коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М.Осимӣ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 28.02.2020, таҳти № 8\6.2 тасдиқ гардидааст.

Диссертатсия мавриди назар дар ҷаласаи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ аз 27.08.2022, №1 мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифта, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Шурои олимони факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи мазкурро бо ширкати муқарризони холис – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ Ҷоматов Самиддин Салоҳидинович ва номзади илмҳои филологӣ, муовини директор оид ба илм ва муносибатҳои байналмилалӣ дар Колеҷи муҳандисию омӯзгории ш. Душанбе Разоқбердиев Шараф Саидмуродович баррасӣ ва муҳокима намуд.

**Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокима чунин хулоса карда шуд:**

Забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар шароити кунунӣ ба таҳқиқоту таҳлилҳои ҳамаҷониба ниёз доранд. Охирҳои асри гузашта Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти комил ба даст оварда, бо кишварҳои олам муносибатҳои гуногунҷанба, аз ҷумла дар соҳаи сиёсату иқтисод, фарҳангу иҷтимоиёт ва ғайра робита барқарор намуд, ки тамоми

фаъолияти дуҷониба ва бисёрҷонибаи он таъминоти забониро тақозо мекунад.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳими забоншиносии муосир - таҳлили сохторӣ-семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ» бахшида шудааст.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот** аз он иборат аст, нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари бевосита тарҷумашудаи "Ёдоштҳои"-и С.Айнӣ бори аввал мавриди таҳқиқи муқоисавӣ қарор мегирад. Гуфтан мумкин аст, нутқи мазмунан нақлшуда дар забони тоҷикӣ мавриди татқиқоти алоҳида қарор нагирифтааст. Маълумотнома оид ба ин мавзуъ дар доираи китобҳои дарсӣ бештар ба назар мерасад. Баъзан забоншиносон дар таркиби корҳои илмии худ оид ба ин мавзуъ нуқтаи назари хешро байён намудаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба сархати 9-и «Самтҳои афзалятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, № 503)» иртибот дошта, масоили ҳифз ва гиромидошти забону адабиёт, осори гаронарзиши ниёгон ва пажӯҳиши он дар шароити ҷаҳонишавии фарҳанг ва маънавиёт яке аз вазифаҳои муҳимми илми ватанӣ маҳсуб меёбад.

Таркиби диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Бо назардошти дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ ва аҳамияти таҳқиқи нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳадафҳои асосии таҳқиқот тарҳрезӣ шуда, барои ба ҳадаф расидан вазифаҳои зерин пешбинӣ ва ба иҷро расидаанд:

- муайян кардани сатҳ ё дараҷаи омӯзиши нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- муайян ва таҳқиқ намудани назарияҳои гуногун оид ба ифодаи нутқи мазмунан нақлшуда дар забони тоҷикӣ ва англисӣ;
- муайян кардани хусусиятҳои сохтории нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои муқоисашаванда;
- муайян ва таҳқиқ намудани хусусиятҳои фарқкунанда ва умумии ифодаи нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- муайян намудани монандӣ ва тафовутҳои сохторӣ-семантикии ифодаи нутқи мазмунан нақлшуда дар заминаи бархе аз асарҳои бадеӣ, ки бевосита аз забони тоҷикӣ ба англисӣ ва ё баръакс тарҷума шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асарҳои алоҳидаи бевосита тарҷумашуда бори аввал мавриди таҳқиқоти алоҳидаи лингвистӣ қарор мегирад. Дар диссертатсия бори нахуст хусусиятҳои сохторӣ-семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муайян ва таҳқиқ шуда, зимни таҳлилу баррасии мавзуъ дараҷаи тарҷума ва ифодаи нутқи мазмунан нақлшуда

аз забони англисӣ ба тоҷикӣ ва ё баръакс вобаста аз зарурати таҳлил нишон дода мешавад.

Мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқотии диссертатсия мазкур дар мавзуи ««**Таҳлили сохторӣ-семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологи аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 –Забоншиносии муқоисавӣ таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ, ки аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии муҳаққиқ.** Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки мавзуи нутқи мазмунан нақлшуда ва муқоисаи сохтории он дар заминаи тарҷумаи бевоситаи асарҳои бадеӣ бори нахуст ба таври фарогир мавриди пажӯҳиш қарор дода шуда, дар ин самт муҳақиқ ба андозае муваффақ шуда, тафовут ва умумиятҳоро муайян ва ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

**Тавсиби амалии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ омода шудааст. Мазмун ва муҳтавои кори таҳқиқотии мавриди назар дар шакли баромад ва маърузаҳои илмӣ дар конфронсҳои илмӣ-амалии сатҳи байналмилаливу ҷумҳуриявӣ, донишгоҳи (солҳои 2016-2021) ироа гардидааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот ба сифати маърӯза дар конфронсҳои ҳарсолаи ҳайати устодону профессорони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ (2018, 2021, 2022) ва дар мақолаҳои илмии нашршуда, ки рӯйхати онҳо дар охири автореферат оварда шудаанд, пешниҳод гардидаанд.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос гардидаанд. Муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқшуда 8 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи ба феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Федератсияи Россия воридбуда ба нашр расонидааст.

**1) Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

**[1- М]. Саидова** М.А. Ҷумлаҳои саволӣ дар нутқи мазмунаннақлшуда дар забони англисӣ ва ифодаи онҳо ба забони тоҷикӣ [Матн] / М.А Саидова// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе, 2020. №1. – С. 42-45. ISSN-2413-516X.

**[2-М]. Саидова** М.А. Хусусиятҳои сохтории нутқи мазмунаннақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / М.А Саидова// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе, 2020. №4. – С. 22-26 . ISSN-2413-516X.

**[3-М]. Туйғунов Н.Ҳ., Саидова** М.А. Омилҳои ба вуҷуд омадани муродифоти калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / М.А

Саидова// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе, 2019. №4. – С. 49-53 . ISSN-2413-516X.
**[4-М]. Саидова М.А.** Паҳлуҳои муҳими мувофиқати маъногӣ ва умумияти ифодаи нутқи мазмунаннақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / М.А. Саидова// Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - Душанбе, 2021. №2, (91). – С. 88-92. ISSN-2413-516X.

**2. Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

**[5-М] . Саидова М.А.** Тафовути ифодаи ҷумлаҳои саволи дар нутқи мазмунаннақлшуда [Матн] / М.А. Саидова// Маводи конфренсияи илмӣ-назариявии ДДМИТ бахшида ба рушди деҳот, саёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ. - Душанбе, 2020. С. 247-256.
**[6-М]. Саидова М.А.** Нутқи мазмунаннақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи хусусиятҳои сохторӣ [Матн] / М.А. Саидова// Маводи конфренсияи илмӣ-назариявии ҳайати професорон ва устодони ДДМИТ.- Душанбе, 2020. С. 202-207.
**[7-М]. Саидова М.А.** Дараҷаи омӯзиши нутқи мазмунаннақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / М.А. Саидова// Маводи конфренсияи илмӣ-назариявии ҳайати професорон ва устодони ДДМИТ.- Душанбе, 2022. С. 94-100.
**[8-М]. Саидова М.А. Т**ағироти сохториву маъной нутқи мазмунаннақлшуда дар таркиби матни асарҳои бадеӣ [Матн] / М.А. Саидова// Забон ва адабиёти рус дар шароити муосир: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, (Душанбе, 12-уми марти соли 2021).- Душанбе: ДМТ, 2021. - С. 332-335.

Ҷаласа пас аз баррасии масъалаи мазкур ва фикру андешаҳои баёнгардида,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ» дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Таҳқиқоти диссертатсионии Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологи аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 –Забоншиносии муқоисавӣ таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ барои дифоъ ба Шурои диссертатсионии 6О.КОА-036 назди

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод карда шавад.

Хулоса, дар ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул карда шудааст.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** аз 15 нафар аъзои Шурои олимони факултет 14 нафар иштирок доштанд. 1 нафар бо сабаби узрнок иштирок надошт.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** "тарафдор" – 14 нафар, "муқобил" – 0 нафар, – 0 бетараф, суратҷаласаи №3 аз 27 октябри соли 2022.

Раиси Шурои олимони факултет,
доктори илмҳои филологӣ — Каримов Шуҳрат Бозорович

**Муқарризон:**
доктори илмҳои филологӣ
профессори кафедраи забоншиносӣ
ва типологияи муқоисавии
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ — Ҷоматов Самиддин Салоҳидинович

номзади илмҳои филологӣ,
муовини директор оид ба илм
ва муносибатҳои байналмилалӣ
дар Колеҷи муҳандисию
омӯзгории ш. Душанбе — Разоқбердиев Шараф Саидмуродович

**Котиби Шурои олимони факултет:** — Ғуломов Наимҷон

**Имзоҳои Ҷоматов С.С., Разоқбердиев Ш.С., Каримов Ш.
ва Ғуломов Н.-ро тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадр ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ — Мустафозода Абдукарим

**Нишонӣ:** 734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
Тел.: +992(37) 224-13-83
Сомона: www.tgpu.tj